**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович ба рисолаи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа Душанбе, 2020.**

Диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода ба таҳлили яке аз масоили муҳими таърихи фалсафа - таълимоти ахлоқии файласуфони форсу-тоҷик - Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ бахшида шудааст.

Замони муосир – замони на танҳо муқовимати иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ, балки замони муборизаҳои фарҳангии давлат ва қавмҳои рӯ ба тараққиниҳода бар зидди давлатҳои абарқудрат мебошад. Маҳз тавассути илму маърифат ва фарҳангу маънавиёт ва технологияи пешқадам давлатҳои демократии навбунёд метавонанд бар зидди “таҷовузи фарҳангӣ”-и Ғарб истодагарӣ намуда, истиқлолияти сиёсӣ ва фарҳангии худро ҳифз намоянд. Раванди ҷаҳонишавӣ на бо роҳи муколамаи Ғарбу Шарқ, балки бо роҳи бархӯрди тамаддунҳо пеш рафта истодааст. Бинобар ин омӯзиши мероси фарҳангии гузаштагон, ошноӣ пайдо кардан бо таълимоти фалсафӣ, иҷтимоӣ, инсоншиносӣ ва ахлоқии ниёгонамон, пеш аз ҳама, барои таҷдиду такомули рӯҳӣ – ахлоқии ҷамъият, барои тарбияи ҷавонони муосир дар рӯҳияи сифатҳои баланди ахлоқӣ ва ақидаҳои гуманистӣ, ки махсусан дар асарҳои илмӣ - фалсафии намояндагони бузурги афкори классикии тоҷику форс ба таври возеҳу равшан дарҷ гардидаанд, мусоидат менамояд. Тавре ки муаллиф қайд менамояд, “мубрамияти мавзӯъ боз ҳам дар он зоҳир мешавад, ки ... имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки давлатҳои абарқудрат зери шиори озодию демократия мехоҳанд, сиёсати авомфиробонаи худро ба давлатҳои дигар бор намоянд ва ба ин васила ба ҳадафҳои худ ноил гарданд. ... Баланд бардоштани маърифати ҷомеа ва расидани он ба худшиносию худогоҳии комил, маҳз ба василаи омӯзиши ҳаматарафаи мероси пурғановати

гузаштагонамон ва татбиқи арзишҳои волои он вобаста ба раванду таҳаввули замони муосир амалӣ мегардад” (с. 4 - 5).

Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва соҳавӣ, инчунин принсипҳои маърифат ташкил додаанд. Асоси методологиро ҳамбастагии таҳлилу таҷрид, ягонагии равишҳои мантиқӣ ва таърихӣ, усули таҳлили муқоисавӣ ва ҳерменевтикӣ дар бар мегиранд.

Навоварии илмии тадқиқот бештар дар натиҷаҳои зерини ба даст омада ба таври муфассал инъикоси худро ёфтааст:

- бори нахуст таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ анҷом дода шуда, муҳимтарин хусусияти онҳо ошкор карда шудааст;

- дар натиҷаи таҳлили муқоисавии анҷомёфта, муайян шудааст, ки Насириддини Тӯсӣ системаи ратсионалистии Абӯбакри Розиро дар баррасии масоили ахлоқӣ тақвият додааст;

- таъсири афкори ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насирддини Тӯсӣ ба инкишофи афкори минбаъдаи фалсафаи ахлоқ муайян карда шудааст;

- аҳамияти амалии таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насирддини Тӯсӣ дар рушди фалсафаи ахлоқии муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи ахлоқии насли наврас дар шароити муосир нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия **“Тавсифи умумии осори фалсафӣ-ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ”** муаллиф мероси фалсафӣ-ахлоқии ҳар ду мутафаккирро ба таври мураттаб мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия “**осори ахлоқии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ”** муаллиф дар бораи мероси эҷодии мутафаккир маълумот дода, мазмун ва мундариҷаи онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. Ба номгӯи асарҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ чунин асарҳо шомиланд: «Дар боби саодат ва комронӣ». «Тибби руҳонӣ» ва «Сирати фалсафӣ». Ғайр аз он, баъзе асарҳое, ки дорои мазмуни ахлоқӣ мебошанд, масалан, «Дар бораи лаззат»,

«Дар бораи одоби тағзия», «Дар бораи одат, ки он тағйири табъ аст», дар қисмати осори табииётшиносӣ ҷой гирифтаанд.

Насириддини Тӯсӣ мероси бойи илмии худро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла фалсафа, риёзиёт, забоншиносӣ ва дин боқӣ гузоштааст. Ба қалами Тӯсӣ дар маҷмӯъ 190 осори илмӣ бо хати порсӣ ва арабӣ тааллуқ дорад, ки аз ин шумора аслӣ будани 185 адади эҷодиёташ исбот гардидааст.

Ақидаҳои фалсафию иҷтимоӣ ва ахлоқии Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар «Асос-ул-иқтибос», «Равзат-ут-таслим», «Ахлоқи Носирӣ», «Шарҳ-ул-ишорот», «Қавоид–ул-ақоид», «Таҷрид-ул-ақоид» «Таҷрид-ул-калом» баён шудаанд. Муҳимтарин асари ахлоқии Тӯсӣ «Ахлоқи Носирӣ» маҳсуб мешавад. Дар ташаккули таълимоти ахлоқии Насириддини Тӯсӣ осори ахлоқии пешгузаштаи ӯ Ибни Мискавайҳ, ки дар таърихи фалсафи исломӣ бо тахаллуси «Устоди солис», ҳамчун поягузори низоми фалсафаи ахлоқи исломӣ маълуму машҳур аст, нақши муассир гузоштааст.

Боби дуввуми кори диссертатсионӣ **“Муқоисаи андешаҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ”** унвон дорад ва аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби дуввум моҳияти фалсафаи ахлоқи Абуабкри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ бо ҳам қиёс карда шудааст. Таҳлили масоили ахлоқро муаллиф аз асари Абӯбакри Розӣ «Тибби руҳонӣ» оғоз менамояд. Сабаби чунин номгузорӣ шудани асари мазкур дар он аст, ки мутафаккир дар он дар бораи ду навъи тиб, ки яке тибби ҷисмонӣ ва дигаре тибби нафсонӣ аст, сухан меронад. “Тибби ҷисмонӣ он соҳаи илм мебошад, ки бо омӯхтани бемориҳои ҷисми инсон машғул аст ва тибби нафсонӣ бошад соҳаи илмест, ки ба омӯзиш ва ислоҳ кардани нуқсон ва камбудиҳои нафси инсонӣ ва сифатҳои ӯ бахшида шудааст”(с. 54). маҳз тибби рӯҳонӣ ба ахлоқ бахшида шуда, ва он мустақиман ба бартараф сохтан ва ислоҳ кардани нуқсон ва мукаммал гардонидани феълу атвори инсон равона шудааст. Масъалаҳои дар ин самт таҳқиқшаванда ба дарёфти моҳияти инсон ва такомули сифатҳои ҳамидаи ӯ (масъалаҳои бахшида ба саодат ва ғаму андӯҳ, такомули қувваҳои нафси инсон, моҳияти хирад ва одат), ва масъалаҳо оид

ба кирдори ғайриахлоқӣ (қаҳру ғазаб, худбиниву худпарастӣ, ҳасад, тарсу ваҳм аз марг, кизб, хасисиву мумсикӣ, андӯҳ ва ғайраҳо) бахшида шудаанд. "Вазифа ва мақсади асосии илми ахлоқ, аз назари Абӯбакри Розӣ, мукаммал ва мустаҳкам намудани сифату феъли ҳамида ва мутеъ гардонидани хоҳишу ҳавасҳои ҳиссии инсон ба хиради ӯ мебошад. Мақсади ниҳоии таълимоти А. Розӣ – ноил шудан ба бахту саодат мебошад, ки он дар асоси принсипи гедонизм, яъне лаззатпарасӣ, хушҳолӣ қарор ёфтааст, ки тавассути таъмин ва қонеъ гардонидани талаботи ҷисмониву нафсии инсон ба вуқӯъ меояд. Дар назар чунин менамояд, ки дар ин масъала таълимоти А. Розӣ бо таълимоти гедонистии Эпикур қаробат дорад. Аммо дар асл, тибқи ақидаи диссертант, таълимоти Розӣ аз файласуфи юнонӣ фарқ дорад. "Ба ақидаи Эпикур роҳи ба даст овардани саодат ин дур шудан аз ҳама корҳои ҷамъиятиву давлатӣ ва озод будан аз тарсу ваҳм мебошад. Абубкари Розӣ бошад, баръакс, ба амали накӯ ва муфид ва ба рушди инсон ва ҷомеа даъват мекард" (с. 57 - 58). Омили дигаре, ки ба хушҳолӣ ҳамбастагии зич дорад, ҳисси меъёрпарастӣ мебошад, яъне принсипи "ҳадди эътидол"-ро риоя кардан аст. Дар акси ҳол хушҳолӣ ба бемории мубаддал мегардад.

Дар умум бояд зикр намуд, ки фалсафаи ахлоқии Абӯбкари Розӣ дар асоси принсипҳои гуманистӣ эъмор шудааст, зеро он зоти инсонро табиатан накӯкор меҳисобад.

Яке аз хусусиятҳои хоси фалсафаи ахлоқии Абӯбкари Розӣ аз он иборат аст, ки он дар асоси шеваи ақлгароӣ, яъне ратсионализм бунёд ёфтааст, зеро ӯ маҳз ақлу хирадро сарчашмаи асосии рушду нумӯи ҷавҳари инсонӣ мешуморад, ки эшонро ба роҳи камолоти маънавӣ ва саодат ҳидоят мекунад. Ормонҳои ахлоқии хешро инсон танҳо дар ҷомеа ва ҳаёти ҷамъиятӣ дарёбад ва хушбахту саодатманд гардад.

Таълимоти ахлоқии худро Насириддини Тӯсӣ дар асараш «Ахлоқи Носирӣ» баён кардааст, ки яке аз беҳтарин асари ахлоқии асрҳои миёнаи Шарқи мусулмонӣ ба шумор меравад. Н. Тӯсӣ беҳтарин анъанаҳои ахлоқии мактаби Юнони Қадим ва машшоияи Шарқиро идома дода, ва дар зери

таъсири ибни Мискавейҳ, асари безаволи худ «Ахлоқи Носирӣ»-ро таълиф намудааст. Таълимоти ахлоқии ӯ, ба мисли фалсафаи ахлоқии Абӯбкари Розӣ бо пироҳани принсипҳои ратсионалистӣ ва гуманистӣ оро ёфта буд. Маҳз ба шарофати ақлу хирад инсон, дар таълимоти Насириддини Тӯсӣ, чун мавҷудоти шариф ва олии табиат эътироф шудааст.

Яке аз масъалаҳои меҳварии таълимоти Насириддини Тӯсиро тезис оид ба он, ки ахлоқи инсон тағйирпазир аст, ташкил медиҳад. Дар таълимоти этикӣ ин чизи нав нест. Дар таълимоти мутафаккир, аниқтар агар иброз намоем, сухан аз тағйирпазирии хулқи инсон меравад, ки дар натиҷаи тарбияву таъсири ҷомеа метавонад тағйир ёбад. Дар бисёр маврид аз ҷониби муҳаққиқон мафҳуми ахлоқ ва хулқ чун мафҳумҳои ягона дониста мешаванд. Ҳол он ки мафҳуми хулқ, сиришт, сират, тинат (ба маънои характер) мазмунан аз ахлоқ (нравственность) тафовут дорад. Мафҳуми ахлоқ чун меъёри маҷмӯи нормаҳои қабулшудаи тарбия ва рафтору кирдори инсон назар ба хулқ васеътар аст. Хулқ (характер) бошад унсурҳои устувори ахлоқи шахсро муаян мекунад. Бесабаб нест, ки Насириддин Тӯсӣ бахшида ба хулқи инсон дар «Ахлоқи Носирӣ» қисматеро бо номи «Дар ҳади ҳақиқати хулқ ва баёни он ки тағйири ахлоқ мумкин аст» ворид намудааст. Ба ин масъала дар тақриз таваҷҷӯҳ намудани муқарриз аз он иборат аст, ки проблемаи “характер” (“хулқ” ё “сират”) дар фалсафаи ҳам классикӣ ва ҳам фалсафа ва равоншиносии муосир, мавриди баҳс қарор ёфтааст. Ғайр аз он дар ташаккули хулқи инсон нақши муҳимро “одат” мебозад, зеро маҳз ба туфайли он “дар сурати низомнок такрор намудани ин ё он амал, инсон ба иҷрои он одат намуда, минбаъд рафтори мазкур барои ӯ хусусияти одатӣ ва ахлоқиро пайдо мекунад[1]”.

Гарчанде диссертант ин мафҳумҳои “ахлоқ” ва “хулқро” аз ҳам ҷудо намекунад, аммо дар хулосаи баровардаи худ, тафовути ононро дуруст ифода намудааст. Аз ҷумла ӯ қайд менамояд, ки “Ҳам Абӯбакри Розӣ ва ҳам

[1]Носириддини Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. –Душанбе, 2009. - С.85.

Насириддини Тӯсӣ, на танҳо сифати неку бади инсонро таҳлил намудаанд, балки роҳи ислоҳи хулқи инсонро нишон додаанд” (с. 75 - 76).

Боз як нуқтаи баҳсноке дар таълимоти Насириддини Тӯсӣ дучор меоем, ки бо масъалаи “табиатан накӯкор будани инсон” вобаста аст. Ин ақида бархилофи ақидаи Гегел ҳаст, ки ӯ, аз ҷумла таъкид мекунад, ки инсон баръакс табиатан бадҷаҳл аст ва дар раванди ҳаёти ҷамъиятӣ хислатҳои накӯкориро соҳиб мегардад.

Дар фасли дуввуми боби дуввуми кори диссертатсионӣ **“Меъёрҳои ахлоқӣ аз нигоҳи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ”** баррасӣ ва муқоиса шудаанд. Қабл аз ҳама муаллиф вазифаҳои илми ахлоқро шарҳу эзоҳ додааст, ки он иборат аст аз вазифаи ба танзимдарорӣ, баҳодиҳӣ, тарбиянамоӣ ва ҳамоҳангсозӣ.

Ғайр аз он дар ин фасл баъзе мушкилиҳои меъёрҳои ахлоқиро, ки аз ҷониби Абӯбакри Розӣ ҳаллу фасл шудаанд, муфассал баён ёфтаанд. Аз ҷумлаи чунин хислатҳои номатлуб, ба мисли қабулнопазирии шуҳратпарастӣ, худпарастӣ, ҳасад, қабулнопазирии ғазаби аз меъёр зиёд, дурӯғгӯӣ, хасисӣ, пурхӯрӣ, майпарастӣ мебошанд, ки ба ташаккул ва тарбияи шахс дар ҷомеа зарари манфӣ ва фоҷиаовар мерасонанд. Дар ин ҷо диссертант эҷодиёти Абӯбакри Розиро баҳогузорӣ намуда, ба чунин хулоса меояд, ки “Абӯбакри Розӣ, на танҳо мушкилиҳои меъёрҳои ахлоқиро таҳлил кардааст, балки роҳу воситаҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намудааст, ки то ҳол арзиши худро гум накардаанд ва дар амалия марвиди истифодабарӣ қарор доранд” (с. 106).

Ақидаҳои ахлоқии Насириддини Тӯсӣ дар зери таъсири файласуфони Юнони қадим, пеш аз ҳама, таълимоти ахлоқии Арасту, ташаккул ёфтаанд. Пойдевори этикаи Н. Тӯсиро фазилатҳои инсонӣ ташкил мекунанд, ки бо қувваи нафи инсонӣ марбутанд ва аз он бармеоянд. Мисли ҳакимони қадимӣ юнонӣ Тӯсӣ фазилатҳоро ба чор навъ қисмат намудааст: ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адолат. Ҳамзамон ҳар як аз ин фазоил ба намудҳои алоҳида тақсим мешаванд. Масалан, “навъҳои фазоили ҳикмат ин зако, суръати фаҳм, сафои

зеҳн, суҳулати тааллум, ҳусни тааққул, таҳаффуз, тазаккур мебошанд. Навъҳои фазилати шуҷоат – кибари нафс, наҷдат, ҳиммат, сабот, ҳилм, сукун, шаҳомат, таҳаммул, тавозӯъ, ҳамият, рикқат ҳастанд. Навъҳои фазилати иффат – ҳаё, рифқ, ҳусни ҳадй, мусолимат, даъват, сабр, қаноат, виқор, вараъ, интизом, ҳуррият, сахо мебошанд. Анвои фазилати адолат – садоқат, улфат, вафо, шафқат, раҳм, мукофот, ҳусни ширкат, ҳусни қазо, таваддуд, таслим, таваққул, ибодат ҳастанд” (с. 107). Ҳар як анвои фазилатҳо дар таълимоти Тӯсӣ дар чорчӯбаи усули “ҳадди авсат” таҳлил ва баррасӣ шудаанд ва зиёдаравии ҳар яки ин сифатҳо ба разоил, яъне акси худ мубаддал мегарданд.

Таълимот оид ба фазилат бо масъалаи иктисоб шудани фазилат тавъам вобаста мебошанд, зеро инсон тавассути тарбияту омӯзиш соҳиби фазилат гашта, сӯи камолот ва саодатмандии хеш раҳсипор мегардад.

Гузашта аз ин Насириддини Тӯсӣ дар асараи худ «Ахлоқи Носирӣ масоили тадбири манозил ва сиёсати мудунро ҳадафи таҳқиқ қарор медиҳад ва дар он меъёрҳои ахлоқии хонаводагиро таҳлил кардааст. Аз ҷумла ба хулқу одоби зан ва вазоифи ӯ дар оиладорӣ, вазифаи волидайн оид ба тарбияи фарзанд, яъне падару модар пеш аз ҳама бояд ба фарзанд меъёрҳои ахлоқиро иқтибос намоянд, ки заруртарини онҳо – хушгуфторӣ (одоби сухан) ва хушрафторӣ мебошанд, инчунин “Дар сиёсати мудун» Насириддин Тӯсӣ ҳокимон ва ходимони давлатиро ба риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ даъват менамояд. Маҳз риоя кардани меъёрҳои ахлоқӣ имкон медиҳад, ки одамон хоҳишу талаботи инфиродии худро бо талаботу манфиати умум тобеъ ва вуҷудияту ҳастии ҷомеаро таъмин намоянд.

Аз таҳлили муқоисавии файласуфон муаллиф ба хулоса меояд, ки

1) таълимоти ахлоқии Насириддин Тӯсӣ, дар фарқият аз Абӯбакри Розӣ, се бахши фалсафаи амалӣ: таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудунро дарбар мегирад. Аммо мутаахирин бошад, диққати асосиро ба тарғиби сифатҳои ахлоқи нек, ки муҷиби саодатмандии фарди инсонӣ ва таҳлили интиқодии сифатҳои бади инсонӣ, ҳам саломатии руҳӣ ва ҳам саломатии ҷисмонии инсон, равона месозад;

2) шеваи фалсафаи Абӯбакри Розӣ бештар ба таълимотӣ деистӣ, ки мавҷудияти Худованд ва аз ҷониби Худо офарида шудани оламу одамро тасдиқ мекунад, монанд аст. “Аз дидгоҳи Абӯбакри Розӣ, Худованд дар умури зиндагӣ ва иҷтимоии инсон дахолат намекунад ва дар ин соҳаҳо инсоният мухтор буда, бояд таҳти роҳбарии ақлу хирад рисолати заминии худро ба анҷом расонида, зиндагии моддӣ ва маънавии худро пеш барад. Насириддини Тӯсӣ бошад, бо вуҷуди пайрави фалсафаи Арасту будан, дар масоили фалсафаи амалӣ бештар ба таълимоти Қуръон ва шариати исломӣ такя намуда, ақидаҳои ахлоқии худро бо оёти қуръонӣ асоснок кардааст.

Аз ин рӯ, низоми ахлоқии Абӯбакри Розӣ бештар мазмуни ратсионалӣ (ақлгароӣ) ва низоми ахлоқии Насириддини Тӯсӣ бештар хусусияти динмеҳварӣ ба худ касб кардаанд” (с. 133).

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва руйхати сарчашмаву адабиётҳои дар рисола истифодашуда оварда шудааст, ки сазовори дастгирӣ мебошанд. Мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи он ҳамоҳанг аст.

Умуман диссертация ба талаботҳо пурра ҷавобгӯ буда, аз маҳорат ва ҷустуҷӯиҳои илмии докторанти PhD Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар навиштани рисола дарак медиҳад. Мӯҳтаво ва мазмуни он, ки фарогири мухтасари бобҳо ва зербобҳои рисолаи таҳқиқотии муаллиф аст, бандубасти комили илмӣ, мантиқӣ ва имлоию услубиро доро мебошанд. Дар асоси рисолаи ва автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои фалсафии мавзӯи таҳқиқоти хеш ба ҳадаф расидааст ва онро ӯҳдабароёна анҷом додааст.

Сарфи назар аз ин комёбиҳои рисолаи муаллиф, ки мавриди назар буда дар он баъзе камбудиву нуқсонҳо ба мушоҳида мерасанд, чунончи:

1. Тавре ки дар боло ишора шуд, ҳангоми таҳлили мафҳумҳои “ахлоқ” ва “хулқ” диссертант ононро яке дониста, тафовути мазмунии мафҳумҳоро сарфи назар намудааст.

2. Тезиси Насириддини Тӯсӣ нисбати он ки “ҳар як инсон табиатан накӯкор мебошад” – масъалаи баҳснок аст. Гегел, баръакс, ибрози ақида

намуд, ки инсон табиатан шарр аст. Кадоме аз ин мутафаккирон ҳақ ҳастанд?

3. Дар рисола масъалаи тақдир ва озодии ирода дар таълимоти Розӣ ва Тӯсӣ гузошта шудааст, вале он рӯякӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

4. Хуб мешуд, агар таълимоти ахлоқии Розӣ ва Тӯсӣ бо таълимоти ахлоқии Ибни Сино низ муқоиса мегардид.

5. Дар рисола баъзе нуқсонхои имлоиву мантиқӣ ва техникӣ низ вомехӯранд.

Ҳамин тавр ишораҳои номбурда арзиши илмии рисоларо паст намекунанд ва диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа мебошад.

**Муқарриз :**
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ **Раҳимов М.Ҳ.**

**Имзои доктори илмҳои фалсафа,**
**профессор Раҳимов М.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям**

Сардори Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ **Шарипова Д.А.**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Раҷабовҳо 10.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон